«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
________Хушвахтзода Қ.Х.
«___30___»__10_______2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Доир ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия **Калонзода Фаридун Иброҳимпур** – аспиранти кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгохи миллии Точикистон ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия аз соли 2015 то соли 2017 аспиранти шӯъбаи рӯзонаи кафедра, аз соли 2018 бошад, то имрӯз, ба ҳайси ассистенти кафедраи онтология ва назарияи маърифат фаъолият мекунад.

Соли 2014 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Точикистонро аз руи ихтисоси файласуф-муаллим бо дипломи аъло хатм кардааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зиёев Идибек Ғозиевич, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифат.

Ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт таълимоти фалсафии Ибни Сино»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатся кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши доманадор ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ қарор дорад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмӣ диссертант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои фалсафӣ истифода намуда, масъалаи ҳаракат, фазо ва вақтро дар таълимоти фалсафии Ибни Сино таҳқиқ карда, натиҷаҳои назарраси илмӣ ба даст овардааст. Аз ҷумла, дар асоси осори таҳқиқотии файласуфони ватанӣ ва хориҷӣ масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт таҳлил гардида, дар он проблемаҳои ҳалнашуда дар омӯзиши мавзӯъ дар шароити имрӯза нишон дода шудааст. Ба ҳамин хотир омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мавзӯъ дар доираи кори илмии мазкур,

масъалаи эҳтиёҷманд ба таҳқиқи илмӣ мебошад. Таҳлили масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт аз нигоҳи таърихи фалсафа аҳамияти аввалиндараҷа дорад, чунки омӯзиши ин масъала дар доираи таҳлили фалсафӣ, дар муқоиса бо таълимоти Арасту ва Ибни Сино ниҳоят кам дида мешавад. Муаллиф доир ба масъалаҳои муҳими таҳқиқот – материя, ҳаракат, фазо, холигӣ (хало), вақт ва монанди инҳо маълумоти муфассал дода, тавассути методологияи дурусти илмӣ мавзӯъро равшан сохтааст. Илова бар ин, моҳият ва муҳтавои масъалаи ҳаракат, фазо ва вақтро дар таълимоти фалсафии Ибни Сино аз мавқеи объективонаи илмӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода бурда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ муайян кардааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои тадқиқоти илмӣ, коркардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, аҳамияти ин таҳқиқотро нишон дода, таъсири онро ба фаҳмиши дурусти ҳаракат, фазо ва вақт дар бар гирифтааст. Аз ин ҷо ба фаҳмиши пурраи ҳаракат, фазо ва вақтро Ибни Сино дуруст баррасӣ мекунад. Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот ба муҳаққиқ имконият додааст, ки масъалаҳои муҳимро дар заминаи баланди назариявӣ ва илмӣ баррасӣ кунад.

**Мақсад ва вазифаҳои кори тадқиқотӣ** мувофиқ ба талабот муайян гардида, бо қисмати навгониҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг мебошанд. Зимни пажӯҳиш методҳои назариявӣ ва амалии донишҳои илмӣ, аз ҷумла мушоҳида, муқоиса, санҷиш, таҳлил ва таркиб, коркарди мавод, усули герменевтикӣ, аксиологӣ, ҷамъбастнамоӣ, мантиқият, таърихият ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки** яке аз масъалаҳои муҳимми назариявӣ таърифи дурусти мафҳумҳои ҳаракат, фазо ва вақт дар осори фалсафии Ибни Сино, ки дефинитсияи онҳо шинохти беҳтари фаҳмиши фалсафиро талаб мекунад, таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Он таърифҳое, ки дар таҳқиқотҳо оварда шудаанд, фарогири шарҳу тафсирҳои нави фалсафии онҳо мебошанд.

- Дар рисола бори аввал дар илми таърихи фалсафа таърифи комплексии мафҳуму мақулаҳои зикргардида дар асоси таносуби ҳамаи ҷиҳатҳо ва хосиятҳои онҳо оварда шудааст, ки шинохти беҳтар ва илмии онҳоро ифода мекунад. Аз ҷумла мафҳумҳои «ҳаракати айнӣ», «ҳаракати вазъӣ», «фазо

(макон)», « вақт (замон)» муайян карда шуда, фарқи онҳо нишон дода шудааст.

•Бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино ба таври алоҳида баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмӣ қарор гиранд ва таъсири он дар ташаккули афкори файласуфони баъдӣ нишон дода шавад.

•Ду проблемаи муҳим, ки Арасту дар китобҳои физикии худ онҳоро таҳқиқ намудааст: табиат ҳамчун сабаби ҳастӣ ва оғози ҳаракати ҳар як мавҷудот ва кул, ё кайҳон ҳамчун воситаи мураттабгардонии тамоми ашё нишон дода шудааст.

•Мафҳуми "табиат" дар муносибат ба сабабҳо ва мабдаи таркибии мавҷудот ошкор карда шудааст.

• Мафҳуми ҳаракат дар робитаи он бо мабодеи мавҷудоти ҳаракаткунанда, муайян кардани имконият ва энергия дар робита бо мабодии мавҷудот ва сабабҳои ҳаракати он; ҳаракат ҳамчун модуси ҳастии мавҷудот аз сурат ва материя (модда) аз назар гузаронида муайян карда шудааст.

• Дар таҳлили табииёти Ибни Сино ҳолати ҳаракат, хелҳои он, макон, хало, нестии холигӣ, вақт ва тамоми масъалаҳое, ки бо ҳаллу фасли ин масоил робита доранд (қувва ва феъл, таърифҳо, маънои онҳо дар категорияҳо, масъалаи оромӣ, фазо, далелҳои мункирони фазо, андешаҳои гуногуни мутафаккирон, фазо набудани материя (ҳаюло) ва сурат, фазо набудани бӯъд ва ғ.) муайян карда шудаанд.

• Дар рисола бори аввал кӯшиш барои омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт ба таври муқоисавӣ дар афкори Арасту ва Ибни Сино дар доираи таҳқиқоти махсуси илмӣ ба амал омадааст.

• Дар шарҳи моҳияти таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт ҳамчун сифатҳои материя тавсиф дода шудааст. Ба фикри муҳаққиқ фаҳмиши ҳар ду мутафаккир материя маҳз тавассути сифатҳо ошкор мегардад, ҷавҳари материя аз сифатҳо ҷудо набуда, абадӣ ва мабдаӣ мебошад.

**Натиҷаҳои бадастоварда** ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафа, табиатшиносӣ, физика, космология, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи тоҷик мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар

ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафаи тоҷик, натурфалсафа, онтология ва гносеология, мафҳумҳои бунёдии фалсафа низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

**Интишороти унвонҷӯ Калонзода Ф.И. дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Калонзода Ф. И. Назариёти фалсафии Абӯалӣ ибни Сино оид ба ҳаракат, макон ва замон (дар асоси сарчашмаи «Ҳикмати Машриқия») [Матн] /Калонзода Ф. И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. – 2017. № 3/5. – С.161-164.

[2-М] Калонзода Ф. И. Таълимот дар бораи ҳаракат, макон ва замон дар китоби «Физика» –и Арасту [Матн] /Калонзода Ф. И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. – 2017. № 3/6. – С.165-168.

[3-М] Калонзода Ф. И. Таълимоти машшоиёни Шарқ оиди хосиятҳои ҳастӣ (ҳаракат, макон ва замон) [Матн] /Калонзода Ф. И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. – 2019. № 7. – С.140-143.

[4-М] Зиёев И. Ғ., Калонзода Ф. И. Масъалаи ҳаракат дар таълимоти фалсафии Ибни Сино. [Матн] /Калонзода Ф. И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. – 2020. № 9. – С.157-162.

[5-М] Зиёев И. Ғ., Калонзода Ф. И. Баҳси синошиносон дар масъалаи ҳаракат, макон ва замон.[Матн] /Калонзода Ф. И. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. – 2020. № 10. – С.141-146.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур ба тариқи зайл сурат гирифт: тарафдор - 12 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №8 аз 19.02.2020.

**Раисикунанда:**
**д.и.ф., профессори кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ** **Аҳмадов С.**

**Мудири кафедраи онтология ва**
**назарияи маърифати ДМТ,**
**н.и.ф., дотсент** **Худойдодзода Ф.Б.**
**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, н.и.ф.** **Қаландаров М.И.**

Имзои Аҳмадов С., Худойдодзода Ф.Б. ва Қаландаров М.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**